Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор
Мирализода А.М. ____________
«27» январи соли 2022

# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК ВА ЖУРНАЛИСТИКАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович таҳти унвони **«Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Хоҷаев Давлатбек – доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва таърихи забон ва забони тоҷикии умумидонишгоҳӣ баррасӣ ва муҳокима гардида, аз таърихи 23.12.2021 бо қарори №5 барои дифоъ тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистика диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нуровичро дар мавзуи «Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус» бо ширкати муқарризон Ҷумъахон Алимӣ– доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон ва дотсент Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович баррасӣ ва муҳокима намуд. Сараввал, профессор Ҷ.Алимӣ баромад намуда, мавзуъро барои рушди илми забоншиносӣ, махсусан, бахши наҳви забони тоҷикӣ муҳим арзёбӣ намуд. Ҳамчунин, таъкид гардид, ки таҳқиқи мавзуи мазкур барои такмил, инкишофи забони тоҷикӣ ва таҳқиқи наҳвиёти осори адабиёти классикӣ маводи пурарзише медиҳад.

Рисолаи мавриди назар, ки аз ҷониби унвонҷӯ Давлатов А.Н. таҳия шудааст, маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шуда, дар омӯзиши вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Амир Унсурулмаолии Кайковус аввалин таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Муаллифи рисола дар доираи ду боб ва фаслу зерфаслҳои алоҳида ба ҳалли илмии мавзуи интихобшуда пардохтааст. Дар бобҳои алоҳида муҳаққиқ оид ба хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода, тарзи воситаҳои алоқаи наҳвии калимаҳо дар ҷумлаҳои сода ва ҷумлаҳои мураккаби ин асар андешаронӣ намуда, мавқеи илмии худро муайян намудааст.

Дар рисолаи тақризшаванда, дар баробари комёбию муваффақиятҳои зиёди илмӣ, баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва мавридҳои номафҳум ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо зарур буда, барои боз ҳам боло рафтани эътимоднокии илмии рисола муфид хоҳанд буд:

1. Ба андешаи мо, дар қисмати "Мубрамии мавзуи таҳқиқот" на ҳама нуктаҳое, ки мубрамии мавзуи интихобшударо бояд нишон диҳанд, оварда

шудаанд. Ҳол он ки мавзуъ хеле мубрам арзёбӣ шуда, диссертант метавонист ба таври хеле мухтасар зарурати интихоб ва муҳиммии онро дар ин қисмат иброз дорад.

2. Беҳтар мебуд, агар дар қисмати хулосаи рисола натиҷагириҳои бадастомада дар шакли тезисҳои мушаххас бе такрори фикрҳо нишон дода мешуданд.

3. Рисола аз ғалатҳои имлоиву услубӣ орӣ набуда, ба таҳрири ниҳоӣ ниёз дорад.

Номзади илми филология, дотсент Қурбонмамадов С.Х. дар баромади хеш нисбат ба диссертатсияи Давлатов А.Н. иброз доштанд, ки мавзуъ хеле саривақтӣ интихоб шудааст. Масъалаи таҳқиқ ва омӯзиши хусусиятҳои грамматикии забони адабиёти классикӣ диққати бисёр забоншиносони ватанӣ ва хориҷиро ҷалб кардааст. Диссертатсия мувофиқ ба талаботи навтарин таҳия гардида, дар баробари дастовардҳо, як қатор камбудиҳо низ дорад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба назари мо, доираи фарогирии маводи диссертатсия хеле васеъ аст. Онро метавон дар доираи маҳдудтар низ таҳлил кард.

2. Дар диссертатсия рӯйхати адабиёт дар шакли нодуруст оварда шудааст.

3. Мундариҷаи рисола дар шакли васеъ сохта шудааст.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Ҷумъахон Алимӣ ва дотсент, сардори Раёсати таълими Донишгоҳи давлатии тиббии Данғара Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович Шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистика нисбат ба муҳиммияти илмии диссертатсияи Давлатов А.Н. ба чунин **хулоса** омад:

Диссертатсия ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми забоншиносӣ бахшида шуда, муҳаққиқ возеҳу бамаврид таъкид менамояд, ки омӯзиши вижагиҳои наҳвии забони адабии классикии тоҷикро дар ин давраи таърихӣ, дар асоси маводи таҳқиқшуда инъикос намудааст.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар забони тоҷикӣ доир ба вижагиҳои наҳвии асари мазкур ягон таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст. Бо назардошти ин, низоми муайянгардидаи таҳлили наҳвии забони «Қобуснома» дар доираи ин диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи илмию назариявӣ дар ин самт метавонад ҳамчун замина хидмат намояд.

Унвонҷӯ ҷиҳати ба **мақсаду ҳадафҳои** худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

– баррасии вижагиҳои ибораорои дар «Қобуснома»;
–нишон додани воситаҳои ифодаи алоқаи наҳвии ҷумлаи сода дар «Қобуснома»;
–муайян кардани вижагиҳои сараъзо ва аъзои пайрав дар асар;
–таҳқиқи ҷумлаҳои содаи «Қобуснома» аз рӯйи маъно, оҳанг ва сохт;
–муайян намудани вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаб дар «Қобуснома»;
–нишон додани вижагиҳо дар корбурди банди наҳвӣ;
– фарқи хусусиятҳои наҳвии «Қобуснома» аз забони муосир.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1.Дар забони сарчашмаҳои хаттии асрҳои X-XI доираи маъноию сохтории ҷумлаҳои сода ва мураккаб хеле фарох, дараҷаи корбурд ва

муассирии он бориз аст, зеро ҷумлаҳои мазкур барои ифодаи ниятҳои услубии нависанда мусоидат менамоянд.

2.Таҳлили маводи асар ва масъалаҳои назариявии ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба собит намуд, ки миқдори ҷумлаҳои содаи яктаркибаи хуллас 70% ва ҷумлаҳои содаи яктаркибаи тафсилӣ 30% - ро ташкил додаанд. Дар байни ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии чоразо ва панҷаъзо доираи истеъмоли васеътар доранд.

3. Дар забони «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мубтадо мисли мубтадои забони адабии ҳозираи тоҷик аз ҳиссаҳои номии нутқ бо исм, сифатҳои субстантиватсияшуда, ҷонишин, инчунин, масдар, сифати феълӣ ва ибораҳо ифода шудааст. Мубтадоҳое, ки бо масдар, сифати феълӣ ва сифат ифода шудаанд, камистеъмоланд. Аммо бо шумора ифода шудани мубтадо мушоҳида нашуд.

4. Таҳлил нишон дод, ки ҳамаи аъзои ҷумла дар асар чида шудаанд. Унсурулмаолии Кайковус чун дигар адибони классикӣ хусусиятҳои грамматикӣ ва услубии ҷумлаҳои чидааъзоро дар «Қобуснома» хеле моҳирона истифода бурдааст. Ин гуна ҷумлаҳо бештар бо такрор шуда омадани феълҳои ёридиҳанда, бандакҳои хабарӣ сурат гирифтаанд. Як вижагии аъзои чидаи асари мазкур ин аст, ки пайвандаки пайвасткунандаи «*ва*» бо ҳар як аъзои чида такроран омадааст.

5. Таҳқиқи тарзу воситаҳои алоқаи наҳвии калимаҳо дар ҷумлаҳои содаи «Қобуснома» собит намуд, ки воситаҳои алоқа ба монанди бандаки изофӣ, пешояндҳо, пасояндҳо, тартиби калима ва оҳанг, ки воситаи асосии алоқаи грамматикии ҷузъҳои ибора ба шумор мераванд, дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус низ корбурди зиёд дошта, доираи истифодаи бандаки изофӣ, пешояндҳо бештар мушоҳида шуд.

6. Дар «Қобуснома» дараҷаи истеъмоли ҷумлаи мураккаб бартарӣ дорад, чунки мазмуну муҳтавои асар инро тақозо намудааст ва ин аз маҳорати баланд ва забондонии нависанда низ шаҳодат медиҳад. Як вижагии корбурди ҷумлаи мураккаб ин аст, ки дар аксари ҷумлаҳои мураккаб дар ҷумлаи содаи дуюм бандаки хабарии «*аст*» ҳазф мегардад. Мавқеи ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус назаррас аст.

7. Хусусияти назарраси забони «Қобуснома» ин аст, ки пайвандакҳои *валекин, ки, то* ва *чун* серистеъмол буда, аз онҳо *чун* 471 маротиба ва *чунон ки* 152 маротиба кор фармуда шудаанд. Дар баробари ин таркибҳои пайвандакии *андар он ҷо, ҳар ҷо, ин ҷо, ҳамон ҷо, он ҷо* маъмул буда, барои алоқаманд кардани ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла хизмат кардаанд.

8. Дар «Қобуснома» ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб доираи васеи истеъмол дошта, ҳамон се қолаби аслие, ки имрӯз ҳам мустаъмаланд, фаровон ба чашм расид. Ин се қолаби аслӣ қолабҳои зиёди фаръӣ зоҳир кардаанд. Гоҳе теъдоди ҷумлаҳои пайрав дар қолабҳои фаръӣ то ба дах - дувоздаҳ мерасад.

9. Дар «Қобуснома» теъдоди банди наҳвӣ низ фаровон буда, вижагиҳои хоси худро дорад. Дар асар, асосан, банди наҳвӣ дар тасвири зоҳирии шайъ барои комилан шиносондани он ба кор бурда шудааст.

**Муҳтавои мавзӯи диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, дарҷ гардидааст:**

[1-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи умумишахс дар Қобуснома», Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516Х). –Душанбе: 2016, №4/3. – С.36–39;

[2-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Ибораҳои исмии изофӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516Х). –Душанбе: 2017, №4/5. – С.107–112;

[3-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Истифодаи воситаҳои алоқа дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516Х). –Душанбе: 2018, №6. – С.147–151;

[4-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Ҷумлаҳои содаи чидааъзо дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516Х). –Душанбе: 2018, №1 – С.60–65;

[5-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Алоқаи мувофиқат ва истифодаи он дар «Қобуснома» -и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516Х). –Душанбе: 2018, №2. – С.121–124;

[6-М]. Давлатов Абдулмаҷид. Сохти ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516Х). –Душанбе: 2018, №8 – С.77–80;

[7-М]. Давлатов Абдулмаҷид.Мавқеи ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус.Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (ISSN 2413-516Х). –Душанбе: 2020, №6. – С.81–87;

Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ муҳаққиқ ба пажуҳиши назарии соҳаи наҳв Б.Ниёзмуҳаммадов, Л.Бузургзода, Д.Тоҷиев, Ҳ.Ҳусайнов, М.Н.Қосимова, Н.С.Поспелов, В.В.Белошапкова, А.Шафоӣ, Ю.А.Рубинчик, Ш.Рустамов, С.Атобуллоев, Ф.Зикриёев, Д.Хоҷаев, Қ.Қаландаров, Ф. Шарипова, В.Абдулазизов такя намуда, аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

Навгонии диссертатсияи аз он иборат мебошад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар дисертатсия вижагиҳои корбурди воҳидҳои наҳв дар асар ба таври мушаххас ва бо усули оморӣ нишон дода шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус ҷиҳати ташаккул ва рушди забони тоҷикӣ маводи пурарзише медиҳад. Таҳқиқи вижагиҳои наҳвии асари мазкур барои шинохту муайян кардани иллату нуқси тарзи гуфтору баён, саҳеҳии он чун раҳнамо хизмат менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он асос ёфтааст, ки барои фанҳои тахассусӣ дар ихтисосҳои забоншиносӣ, тарҷумаи бадеӣ, матншиносӣ, таҳлили матни бадеӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастури таълимӣ, инчунин, дар омӯзишу таҳқиқи забони осори адибон низ метавонад истифода шавад. Ҳамчунин, бахшҳои алоҳидаи ин кор дар ихтисосҳои

филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди таълиму тадрис қарор бигирад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ мухтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистика бо қарори №6, аз таърихи 27.01.2022 диссертатсияи номзадии Давлатов Абдулмаҷид Нуровичро дар мавзуи **«Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус»** кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-021 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия намуд.

Иштирок дошт: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» –нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи №6, аз 27-уми январи соли 2022.

Раиси Шурои олимон,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент — Абдусамадзода Э.А

Муқарризон:
д.и.ф., профессор, мудири кафедраи
забоншиносӣ ва таърихи забон ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Ҷумъахон А.

Муқарризон:
Узви вобастаи АМ ИТ,
доктори илми филология — Раҳматуллозода С.Р.

Котиб, н.и.ф., саромӯзгори
кафедраи журналистика — Исмоилова Ф.Қ.

Имзоҳои н.и.ф., Абдусамадзода Э.А., Ҷ.Алимӣ. ва Исмоилова Ф.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

Имзои д.и.ф., Узви вобастаи АМ ИТ Раҳматуллозода С.Р.-ро тасдиқ менамоям.

Мудири бахши умумӣ ва кор бо
кадрҳои Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди ҳукумати ҶТ — Абдуллоев Ш.Р.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

___________________ соли 2022